**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016–2020)» бахшида шудааст, омода карда шудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар марҳилаи муосири рушду инкишофи ҷомеаи тоҷикон ҷазои ҷиноятӣ василаи таъсиргузори давлат

нисбат ба ҷинояти содиргардида мебошад. Дар иртибот ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид қайд менамоянд, ки «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд».

Аз ин рӯ, таъини ҷазои ҷиноятӣ тартиби дақиқи ҳуқуқӣ ва асосноккунии илмиро талаб менамояд, то ки гунаҳкор ҷазои сазовор гирифта, талаботи адлу адолат риоя гардад ва чораҳои таъсирасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои назди ҷазо гузошташуда, роҳандозӣ шуда, онҳо бояд дар ҳадди зарурӣ истифода бурда шаванд. Маҳз дар ҳамин раванд моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Муайян кардани андозаи ҷазои аниқ барои ҷинояти ягона, ки гунаҳкор содир намудааст, бештар мушкилотҳои ҷиддиро ба миён меоварад. Аммо агар гунаҳкор якчанд ҷиноят содир намуда, дар кирдори ӯ аломатҳои якчанд таркиби мустақими ҷиноятҳо дида шаванд, боз ҳам мавқеи судро дар мавриди интихоби ҷазоҳои ҷиноятии дахлдор мураккаб

мегардонад. Мавриди муайян намудани ҷазои ниҳоӣ нисбати шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, дар таҷрибаи судӣ мушкилотҳои зиёде ба миён меоянд.

Дар адабиётҳои илмӣ сабаб ва омилҳои нодуруст таъин кардани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти зарурати такмили танзими ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ дар иртибот ба падидаи таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо, дар асоси афкори пешқадами олимони соҳа ва таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои мутамаддин зарурати анҷом додани таҳқиқоти комили илмӣ оид ба масъалаи мазкур ҷой дорад.

Меъёрҳои амалкунандаи КҶ ҶТ, ки масъалаи таъини ҷазоро ба танзим медароранд (аз он ҷумла, меъёрхо вобаста ба қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо), дорои камбудиҳои ҷиддӣ мебошанд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти дастовардҳои муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ ва таҷрибаи судии ин меъёрҳо бояд бознигарӣ карда шуда, аниқу мушаххас тартиб дода шаванд.

Диссертатсияи Абдуллозода Ҷ.А. номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб (параграф), хулосаву тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазхо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва заминаҳои эмпирикии он изҳор шуда, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии он, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои

диссертатсия тавсиф гардида, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия баён карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «**Табиати ҳуқуқии маҷмӯи ҷиноят ҳамчун шакли амалишавии сершуморагии ҷиноятҳо**» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат аст. Дар доираи боби мазкур мафҳум, моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо, мафҳум ва намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо, маҳакҳои фарқгузории маҷмӯи ҷиноят аз ҷиноятҳои ягона содиршуда, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ба андешаи диссертант барои маҷмӯи ҷиноятҳо на танҳо содир гардидани ду ё зиёда аз он ҷиноятҳои қасдона, балки содир кардани якчанд ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ низ, хос мебошад. Аз ин рӯ, маҳдуд кардани мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо танҳо ба иборали барқасдона содир намудани ҷиноятҳо қобили қабул нест.

Ба ақидаи муаллиф аз ҳама мафҳуми соддатарини маҷмӯи ҷиноятҳо ишора ба он далеле мебошад, ки шахс дар ин ҳолат на як ҷиноят, балки ду ва ё зиёда ҷиноятро содир менамояд, ки дар ҳаракатҳои ӯ якҷояшавии якчанд ҷиноятҳои алоҳидаро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳоло мувофиқи қ. 1 м. 20–и КҶ ҶТ содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст, маҷмӯи ҷиноят эътироф мешавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми фарқгузории маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ягонаи мураккаб, мушкилоти зиёдро бандубасти ҷиноятҳои ягонаи мураккаб ба вуҷуд меоварад, зеро онҳо бо зӯроварӣ алоқамананд, ки аломатҳои мазкур дар матни қонуни ҷиноятӣ ба таври зарурӣ муайян карда нашудаанд. Аз ин лиҳоз, ворид намудани иловаҳои зарурӣ ба моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ бо ишора ба хусусияти чунин зӯроварӣ аз манфиат холӣ намебошад.

**Боби дуюми диссертатсия – «Таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи боби мазкур масоили асосҳои умумии

таъини ҷазо, тартиби қоидаи татбиқи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, тартиби қоидаи татбиқи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо таҳқиқ карда шудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷ.А. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба забони давлатӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Пажуҳиши диссертатсионӣ натанҳо ба мушкилоти муосири марбут ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мувофиқи қонунгузории ҷиноятӣ равона шудааст, балки аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва ташаккули институти мазкур оғоз гардида, бо пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти қонунгузории ҷиноятӣ, хусусан меъёрҳо оид ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарҷом расидааст.

Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳоро ифода менамоянд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллифи рисолаи илмиро ба чунин гуруҳҳо ҷудо намудан имконпазир мебошад:

– навгониҳои хусусияти назариявидошта, яъне дар рисола давраҳои ташаккул ва инкишофи институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, махсусияти ҳар яке аз давраҳо муайян гардида, муаллиф бованста ба пайдоиш ва рушди институти мазкур андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамчунин, дар заминаи ин, муаллиф табиати ҳуқуқии маҷмӯи ҷиноят ҳамчун шакли амалишавии сершуморагии ҷиноятҳо, мафҳум, моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо, мафҳум ва намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҳакҳои фарқгузории маҷмӯи ҷиноят аз ҷиноятҳои алоҳидаро пешниҳод месозад.

– навгониҳое, ки ба такмили қонунгузорӣ равона гардидаанд, яъне дар заминаи ин диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро баҳри таҷдиди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, дар ин бахш муаллиф ба хотири ба таври дахлдор нишон додани моҳият ва аломатҳои сершуморагии, дар моддаи алоҳида муқаррар намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо ва намудҳои онро пешниҳод намудааст.

– навгониҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, яъне он таклифу пешниҳодҳои асосноки илмӣ, ки аз таҳлили таҷрибаи судӣ ба миён омадаанд ва дар самти бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар амалияи судӣ кумак мерасонанд. Аз ҷумла, мушкилотҳои вобаста ба қоидаҳои муайян (алгоритм) оид ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯйи принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ва ҳамзамон асоснокии зарурати дар моддаи алоҳида муқаррар кардани тартиби таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки барои яке аз ин ҷиноятҳо ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст, пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Қайд намудан зарур аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, табиати ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили меъёрҳо оид ба институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, асос меёбанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсифҳо барои истифода аз онҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷ.А. аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма бaромад менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар Кодекси ҷиноятии ҶТ муайян гардад.

Маврид ба тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмию пешниҳодҳои амалии дар он инъикосгардида, метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ, таҳияи консепсияҳои ҳуқуқӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «ҳуқуқи ҷиноятӣ», «ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «асосҳои умумии таъини ҷазо» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.**

1. Унвонҷӯ дар б. 1 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки дар КҶ ҶТ мафҳуми сершуморагии ҷиноят бояд бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи 19[1]. Сершуморагии ҷиноят**

1) Аз тарафи шахси (шахсони) гунаҳгор содир намудани ду ва ё зиёда кирдорҳои ҷиноятие, ки ҳар як кадоми он таркиби мустақили ҷиноятро ташкил намуда, аҳамияти ҳуқуқии ҷиноятии худро гум накардааст ва монеаи ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал баровардани истеҳсолоти мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надорад, сершуморагии ҷиноят эътироф карда мешавад.

2) Намудҳои сершуморагии ҷиноятро такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят ташкил медиҳанд».

Бояд қайд намуд, ки дар умум хулосабарории унвонҷӯ моҳиятан дуруст мебошад, аммо он баъзе паҳлуҳои баҳсбарангезро доро мебошад, аз ҷумла дар доираи моддаи алоҳида пешбинӣ намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноят ҷиҳати таъини ҷазои ҷиноятӣ кадом оқибатҳои мусбиро ба бор меорад? Вобаста ба масъалаи мазкур мехостем ба таври иловагӣ ақидаи муаллифро дар ҳимояи ошкорои диссертатсия шунавем.

2. Унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионии худ ба масъалаи мафҳуми реалӣ ва идеалии маҷмӯи ҷиноятҳо машғул гардида, қайд намудааст, ки мафҳуми реалӣ ва идеалии маҷмӯи ҷиноятҳо инъикоси бевоситаи худро дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ наёфта, чунин мафҳум дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ ҷой дорад (саҳ. 58-59). Аммо сабаб дар чӣ бошад, ки муаллиф оид ба мафҳумҳои болозикр ҷиҳати ворид намудани онҳо ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ ягон таклифу пешниҳодҳо нанамудааст. Мехостем ба таври иловагӣ ақидаи муаллифро дар ҳимояи ошкорои диссертатсия шунавем.

3. Муаллиф дар рисолаи диссертатсионӣ қайд менамояд, ки шахсияти гунаҳкор яке аз масъалаҳои мушкил ва дар як маврид дорои аҳамияти муҳими амалияи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминалогӣ ба шумор

меравад. Муайян намудани шахсияти гунаҳкор дорои аҳамияти муҳим барои фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо мебошад, ки таҷассуми худро бевосита дар қонунгузорӣ аз ҷумла, дар принсипи адолат (қ. 1–и м. 8–и КҶ ҶТ) ва асосҳои умумии таъини ҷазо (м. 60–и КҶ ҶТ) ёфтааст. Ҳамзамон, дар қ. 3–и м. 60–и КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки ҳангоми таъини ҷазо суд бояд шахсияти гунаҳкорро ба назари эътибор гирад, аммо қонунгузор ба таври дахлдор ин мафҳуми баҳодиҳандаро кушоданадодааст (саҳ. 104). Сабаб дар чӣ бошад, ки муаллиф критерияҳои муайян намудани шахсияти гунаҳкорро дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳадди ақал ба таври умумӣ пешниҳод нанамудааст. Роҷеъ ба ин масъала шунидани ақидаи унвонҷӯро дар ҳимояи ошкорои диссертатсия айни муддао мешуморем.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст наменамоянд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва рисоларо ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҷдид намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуллозода Ҷ.А. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боиси он мегардад, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан фаъолияти судҳо ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи

диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия, бахусус аз ҷониби кормандони мақомоти судӣ ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Абдуллозода Ҷ.А.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки таҳризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон — Абдуҳамитов В.А.

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

«29» 12 2022 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30; Тел.: (+992) 37 221-35-50; факс.: (+992) 37 221-35-50; сомона www.rtsu.tj; E-mail:p.rektora@mail.ru